# Коргардонии сюжетҳои чандрасонаӣ

Оксана Силантева

Дар ин бахш тарзи коргардонии маводи чандрасонаӣ пешниҳод мегардад. Ба қоидаҳои  монтаж(танзим), ки аз ҷониби коргардонҳои кино, телевизион, сенария-нависону дизайнерҳо бунёд шудаанд, такя намуда, муаллиф мафҳумҳои назариявии монтажро бо сюжетҳои чандрасонаӣ мутобиқ мегардонад. Дар ин бахш масъалаҳои тавозуни шакл ва муҳтаво дар  навиштаҳои чандрасонаӣ баррасӣ мешаванд ва муносибати  фардии муаллиф ба интихоби қолабҳои чандрасонаӣ барои тақдими ин ё он қисмати муҳтаво баён шудааст. «Консепсияи Маэстро»- алгоритмҳо ва руйхати пурсишҳое, ки ба низом овардани кори коргардонро таъмин мекунанд бо тамоми ҷузъиёташ  дида мешавад. Муаллиф матритсаи (замина) кори монтажи чандрасонаӣ ва чор навъ лоиҳаҳҳои  чандрасонаиро баён мекунад. Намунаи  кору лоиҳаҳаои  чандрасонаии аз ҷониби журналистон дар ИМА,Британияи Кабир, Руссия ва Қазоқистон анҷомдодаро пешниҳод мекунад. Ҳар як намунаи ин мисолҳо хусусиятҳои хос, техника ва муносибати коргардониро нишон медиҳанд.

## Пешгуфтор

Нақли сюжетҳои чандрасонаӣ дирӯз пайдо нашудааст. Фанновариҳо ба мо абзорҳо ва каналҳои интишор фароҳам овардаанд, вале аз назари сохтори сюжет мо усулу равишҳоро аз пешиниён-аз театр, кино,теливизион ва маҷҷаллаҳо ба мерос бурдаем. Таҳиякунандагони

достонҳои чандрасонаӣ  руи шонаҳои драмнависон, сенарияофарон, коргардонҳо, созандагони комиксҳо ва ороишгарони маҷаллаҳо истодаанд.

Ҳангоми сохтани мантиқи нақли  чандрасонаӣ, бо такя бар маънӣ, сужет, динамикаи фаъолият, саҳифабандӣ, ҷойгиршавии модулҳо, тартиби сурату слайдҳо, монтажи пораҳои видеоӣ, мо аз равишҳои драматургӣ истифода мекунем. Бидуни шакку шубҳа ба таҷрибаи коргардонҳои кино ва телевизион, ки чӣ будани монтажро омухтаанд, эҷодкорона  таҷрибаҳо гузарондаанд ва мушоҳидаҳои худро навиштаанд, мӯроҷиат мекунем.

Мо истилоҳоти «кадр», «план» «копозитсия», «сужет»  ва «монтаж»-ро истифода ва инкишоф  медиҳем. Табиист ки ин истилоҳот дар муҳити ғайрихаттии(нелинейний) чандрасонаӣ дигаргуна  мешаванд ва соҳиби маъниҳои нав мешаванд.

## Кадри чандрасонаӣ

Кадрҳои чандрасонаӣ порае аз таъриханд, ки дар чаҳорчубаи мушаххас гирифта шудаанд ва аз ҷиҳати мазмун ва дид  дорои ҳудуданд. Коргардони  сужетҳои чандрасонаӣ ба маҷмуи кардрҳо  такя карда, онҳоро ба гузинаҳои гуногун таркиббандӣ мекунад, ба ҳам мепайвандад, дар фазои экран ҷой медиҳад ва равиши   пешниҳод намудани онро муайян менамояд.

Мафҳуми «кадр», ки суратгирон, наворбардорон ва каргардонон истифода мекунанд, дар нақли достон/сужетҳои  чандрасонаӣ ҳам ҳамон маънии «лаҳзаи таърих»-ро дорад, вале  дар тафовут аз суратгирӣ  ва кино кадри чандрасонаӣ метавонад дар шакли графика, матн,

садо, модули интерактивӣ ва омезиши якчанд  формат татбиқ шавад.

Мафҳуми «аз пайванд то пайванд»-и барои коргардонҳо ошно ва фаҳмо ба мафҳуми  «аз чорчуба то чорчуба» дар шишаи монитор мубаддал мешавад ва ба маврид аст гуфтан,ки нақши чорчубаро метавонад  ҳатто сатри холии нонавишта ё фазои атрофи матн иҷро намояд.

Дар пайравӣ аз Эйзенштейн,  мо аз истилоҳоти  монтажи «амудӣ» ва «уфуқӣ»- метавонем истифода кунем. Дар ҳолати уфуқӣ мо маводро дар дохили  ҳар  унсури сужаи чандрасонаи танзим мекунем, дар монтажи амудӣ бошад унсурҳоро атрофи  сутуни композитсия ва драмутургияи меЧинем, мураттаб мекунем ва сенарияи ҳаракати истифодабарандаи лаҳзаи торихро эҷод мекунем…

Кадрҳои  достонҳои  чандрасонаи (сужетҳо, гузоришҳо..) метавонанд  ба сифати сужаҳои хурдакаки мустақил аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ  ё почтаҳои электронӣ  паҳн шаванд.  Дар назари аввал ин ба иқтибос ва порчаҳои филмҳои маъруф мемонад, вале  дар фарқият  аз  достонҳои чандрасонаӣ, афоризмҳо аз чунин филмҳо чандон фаҳмо нестанд. Хусусан  агар шахс филмро надида бошад ё бо матн ошно набошад. Унсурҳои  чандрасонаӣ дар алоҳидагӣ қимат доранд ва дар чаҳорчубаи як  кард маънои яклухт доранд.

Нақли чандрасонаӣ, ҳатто агар корбар танҳо бо як унсураш бархурд дорад, аризши худашро дорад. Муҳтаво ва фаҳмиши уммумии он аз якчанд кадри чандрасонаӣ тавсиа ва таркиб меёбад.

«Дар доираи чандрасонаӣ мо шаклҳои гуногунро барои нақли як достон дар як канал ҷамъ мекунем »[2], — чунин муайян  кардааст махсусияти равиши чандрасонаиро Кевин

2

Молони, фотожурналисти амрикоӣ, муаллифи тахмин ҳазор сужет барои The New York Times, ки беш аз 50-тои он дар саҳифаи аввали расона нашр шудаанд.

Молони лоиҳаи машҳури The New York Times аз соли 2012 — «Snowfall: The Avalanche at Tunnel Creek»ро («Барфбориш: Тарма дар тунели Крик», http://goo.gl/UNtGVI) -ро мисол меоварад. Матн, суратҳо, видео, харита ва интерактив ҳама дар як сомона ҷамъоварӣ шудааст, то ки аз як достони комил ҳикоя шавад.

Лоиҳа навоварона буд ва номаш синоними мафҳуми нав шуд. «Барфбориш кардан» («to make a snowfall») — яъне сохтани як сюжети рақамӣ бо коргирӣ аз он услубе ки « Таймс» дар лоиҳаҳаояш «Tomato Can Blues» (http://goo.gl/qNNR2r) ва «Extra Virgin Suicide» (http://goo.gl/pCWMxI) истифода мекунад.

Услуби The New York Times дар ташаккулёбии нақли достонҳои чандрасонаӣ ягона набуд. Дар ҷавоби «Барфбориш» лоиҳа The Guardian «Firestorm» (http://goo.gl/CgDlIj) пайдо шуд. Он "камматнтар" аст. Қатори видеоӣ, садоҳо ва инфографика дар монитор мавқеи бештар афзалитнок доранд.

Агар The New York Times мусоҳибаҳои видеоиро дар паҳлуи матни муаллаиф мегунҷонад, The Guardian онро дар экрани пурра мегузорад ва имкони дидани планҳои барҷастаи қаҳрамонон, фуру рафтан ба олами эҳсосоташон ва шунидани достонро аз марҷаи аввал медиҳад.

Аз нигоҳи дизайн The Guardian тамаркузи бинандаро дар чаҳорчубаи экран нигоҳ медорад ва барои пасу пеш рафтан маҷбур намекунад.

---

*Kevin Moloney*. Multimedia, Crossmedia, Transmedia… What's in a name? // http://goo.gl/wwTjWV.

Ин ду намуна нишон медиҳанд,  ки достони хуби чандрасонаӣ  сохтори мунҷамид надорад. Ба кӣ ва чаро ҳикоя мекунем, қаҳрамон кист – инро интихоби шакл ва аз кадом кадрҳо  иборат будани достон  муайян менамояд.

## Планҳои чандрасонаӣ,  андозаи(барҷастагиҳо ) планҳо

Планҳои чандрасонаи : дур, умумӣ,миёна,барҷаста ва ҷузиёт на танҳо ба суратҳо ва унсурҳои видеоии нақл марбутанд. Порчаи матнӣ, инфографика ва овоз ҳам метавонанд дорои хусусиятҳои андоза бошанд. Андаке   барои ёд гирифтан аз шунидани садоҳои табиӣ ба ҳайси «плани умумии овозӣ» ва садои нишонраси  эҳсоси қахрамон чун «ҷузиёти овозӣ», бояд заҳмат кашид.

Инфографика, ки моҳияташ нишон додани рушди як соҳа, додани тасаввӯрот оид ба вазъ аст- чун плани дур, ҷадвали  ба тадриҷ  фуру рафтани  қаҳрамон дар чоҳи қарз- чун плани барҷаста. Хатсайри анҷомёфтаи экспедитсияи илмӣ-чун плани умумии харитаи иттилоотӣ. Алгоритме,ки бояд нафақахур аз он барои ройгон гирфтани доруҳо бигзарад- чун плани миёна.

Матни достони чандрасонаӣ низ ягона нест ва он ҳам аз унсурҳои сохторӣ ва мантиқӣ иборат аст. Вобаста аз он, ки пораи матнии мушаххас чӣро тасвир мекунад: эҳсосоти қаҳрамон, муҳтаво, аксуламали атрофиён ба ҳодиса, -мо метавонем онро тавсиф намоем ва андозаи планҳоро муайян намеоем.

### Тавлиди маънӣ дар пайванди ду кадр

Ба коргардони маводи чандрасонаӣ омухтан зарур аст,  ки мақоларо на таҳо чун таркиби унсурҳои паҳлуи ҳам

гузоштташуда, балки бояд чун асари комили созандаи маънии томе бубинад, ки сатҳи нави фаҳмиш ва бархурди эҳсосотро бино менамоянд. Коргардон ҳангоми чӣдани унсурҳо, бо назардошти ҳадаф ва сужет, дар зеҳн аудиторияеро дорад, ки достон барояш гуфта мешавад.
Қоидаи асосӣ- «муқоисаи ду пораи монтаж бештар на ба ҳосили ҷамъи онҳо, балки ба эҷоди як асар монанд аст. Ба асар, дар фарқият аз ҳосили ҷамъ, бо он шабеҳ аст, ки натиҷаи муқоиса сифатан аз ҳар як унсури ҷамъшавандаи дар алоҳидагӣ гирифташуда, ҳамеша фарқ мекунад». Ба забони содатар, ду кадри паҳлуи ҳам гузоштташуда, ҳангоми пайвастан маънӣ, образе меофаранд, ки дар ҳоли ба ҳар кадоме дар алоҳидагӣ нигаристан вуҷуд надорад. Ин ҳама барои достони чандрасонаӣ дар ҳадди адолат аст. Ҳар як унсури лоиҳа аҳамияти мустақил дорад ва дар ҳоли часпондан ба дигаре бояд образи комил, ҳикояи алоқаманд, тасаввури комили ҳодиса, мавзӯъ, инсон ва масоилро эҷод намояд.

Вайрон шудани ин қоидаро дар ҳама ҷо метвон мушоҳида кард;

- тафсири навори видеоӣ ва нашри матн дар қатори роликҳо;
- «навиштаҳои раҳнамо», ки ба хотири ҷалби таваҷҷуҳ ба лаҳзаҳои ассоси мавод иншо шудаанд, такрори матни асл ;
- матн, такрори амале ки дар суратҳо тасвир шудааст;
- ишора ба мақолоте, ки ҳаҷм ва маънӣ ба мавод намедиҳанд, ба маводи дигари сомона мебаранд. ;
- такрори мазмуни унсурҳои видеоӣ бо матн, истифодаи матн дар ҷое ки ниёзи бештар ба ҷадвалу диаграммаҳост;

•	ворид намудани аудио, ки бори маъноӣ ва эҳсосотӣ надорад.

Инҳо хатоҳои маъмулии муаллифон ва муҳаррирони чандрасонаӣ ҳангоми вайрон намудани қодаҳои монтажи маводи чандрасонаӣ ҳастанд.

Дарки маводи чандрасонаӣ

Муҳаррир бояд дар ёд дошта бошад, ки корбар экрани мониторро яклухт дарк мекунад .

Чӣ рух медиҳад, ҳангоме ки муҳаррир кушиш мекунад сужети чандрасонаиро дар  дизайни лентаи хабарӣ, як бало карда, ҷой диҳад. Албатта достон/сужети ба зур дар сутуни миёнаи сомона, ки аз чор су бо модулҳои бо он  бегона, баннерҳо, сарлавҳаҳои воҳимабори шабакаҳои табодули ҳамшарикон иҳоташуда.

Маводи чандрасонаие, ки аз якчанд унсур иборат аст, пайдост, ки бо  модулҳои иловагӣ ва  ба таври автоматӣ иловашуда мунҳасир мегардад ва дар натиҷа  фазои кадр мутлақо иваз мешавад.

«Сомона  ҳамин тавр барномарезӣ шудааст» -мегуянд муҳаррирон, чун таваҷҷуҳашонро ба он ҷалб менамоед , ки баннерҳои чашмакзананда ва даъватҳо барои пайвастан ба шабакаҳои иҷтимоӣ хотири корбарро парешон  ва аз сужет/достоне,  ки муаллиф сохтааст, дур мекунанд

Маводи чандрасонаӣ бояд бо назардошти қабули яклухтии кадр таҳия ва  коркард шавад

Онҳо ниёз ба қолабҳои дигар, шабакаҳои модулӣ ё конструкторони мустақиле доранд, ки моҳияти сужетро ҳикоят кунанд.

То даме, ки технология ва шабакаи ягонаи модулӣ шакли пешниҳоди ҳар маводро  ба муҳаррир фармон медиҳад, то даме ки  муаллиф дар  пеши « маъмулан дар  сомонаи мо

ҳамин тавр будааст» мулзам аст ва кушиш мекунад то нақл/сужетро дар қолабе, ки барои навигариҳост биғунҷонад, мо достонҳои чашмгир ва муҳими чандрасонаиро нахоҳем дид.

Қиссагӯ (муаллиф) андеша ва қолаби пешниҳоди маводро идора мекунад. Маҳз ӯ муайян мекунад, ки фазои эркан чӣ тавр ташкил меёбад, дар кадом лаҳза ин ё он модулҳои маъноӣ намудор мешаванд. Коргардони чандрасонаӣ онро фикр карда мебарояд, ки гузаришҳо ба абаришораҳо чӣ натиҷа меоранд. Аз ин ру худи сужет бояд ҳукм намояд, ки кадом қолабҳо истифода шаванд, бо кумаки кадом технология ва дар кадом платфорама бояд нашр шаванд. Барои ҷо ба ҷо кардани унсурҳо дар фазои экран дизайнер метавонад кумак кунад.

## Монтажи (бандубасти) чандрасонаӣ

Сужаи чандрасонаиро ҷамъоварӣ намуда, онро аз унсурҳои маъноӣ танзим намуда, мо ҳадафи асосӣ- ба истифодабаранда пешниҳод намудани ҳикояи мантиқан устувор ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ ғаниеро фаромуш намекунем, ки барояш мароқовар аст.

Сужетҳои бо тартиби замонӣ сохташуда.
Мантиқ бо тартиби замонӣ метавонад тавъам уфтад: сужет аз чӣ оғоз ёфт, чӣ тавр инкишоф ёфт, нуқтаи авҷаш чӣ гуна буд ва низоъ бо чӣ анҷом ёфт. Танзими унсурҳо бо тартиби вақт воқеан дар аксар ҳолат арзиши иловагӣ медиҳад. Дар ҷаҳони лентаҳои хабарии беохир, ки иттилоот бар сари корбарон бештар бе алоқамандӣ ба ҳодисаҳои гузашта ва оянда меборад, тартиби замонӣ барои дидани робитаи байни онҳо мусоидат мекунад. Гоҳе ин робита касро барои аз нав дубора дарк намудани ин иттилоот маҷбур менамояд

. Сюжети «Планшете, ки мо ӯро надидем» ( http://goo.gl/4erTEf)

> Лоиҳа дар бораи сохтмони завод оид ба истеҳсоли планшетҳо дар Қазоқистон аст. Ҳар як хабари дар таймлайн ба тартиб овардашуда дар лентаи одии хабарӣ нашр шуда буд. Азбаски ҳодисаҳои ин сужет тафовути замонии зиёд доранд, табиист ки корбари соли 2011 дар ёд надорад, ки соли 2009 чӣ рух дода буд , кӣ чӣ гуфта буд, чӣ ваъда дода буд , ин ё он қарорро бо чӣ далелу бурҳоне шарҳ дода буд. Зиёд будани порчаҳои иттилоотӣ аз хотираи корбари маъмулӣ донишҳо оид ба ҳодисаҳои муҳимро лағв мекунад. Аммо дар бораи заводи мазкур. Оғози ҳодиса хеле дилгармкунанда буд: иттилоияҳои матбуотӣ, кушодашавии мутантан, суханрониҳо дар бораи ояндаи он дар бозори ҷаҳонӣ ва гайра. Баъдан майлу рағбат ба мавзуи завод камранг шуд, зеро фаъолияти ҳамарӯзаи якранг барои мухбирон ҷолибият надорад, вале дертар хабарҳои ташвишовар аз завод расидан гирифтанд: тафтишот, суолҳо ва корҳои ҷустуҷуйӣ

То он даме ки навигариҳо аз завод ба хабарҳо аз фаъолияти ҳукумат, фестивалу кушодшавии нуқтаҳои нави тиҷоратӣ дар лентаи хабари махлут мешуданд, қиссаи планшетҳои қазоқӣ ҳам фаромуш мешуд. Танҳо ба тартиби замонӣ танзим шудани унсурҳои ин қисса барои расонидани фикри асосӣ: оғози фаъол маънои расидан ба натиҷаи воқеъиро надорад, мусоидат намуд.

Таймлайн дар ин ҳолати мушаххас воситаи нишон додан аст, ки чӣ тавр суханрониҳои роҳбарон иваз мешавад, чӣ тавр шавқу шури соҳибкорону мансабдорон ба баёни хушки нозирону муфаттишон табдил меёбад. Тамоми дигар қолабҳо: навор, овоз ва матн дар ин ҳолати мушаххас кори

дуюмдарачаанд. Интихоби қолаби пешниҳоди мавзӯъро идеяии асосии сужет муайян мекунад.

Сюжетҳои мутобиқ ба мавзӯъ сохташуда

Коргардонҳои кино имконотеро, ки монтаж медиҳад, бо шеваҳои мухталиф истифода мекунанд.

Эсфир Шуб хроникаи пеш аз инқилобро, бо роҳи «бархурд»-и кадрҳои қасри подшоҳӣ, думаи давлатӣ бо кадрҳо аз рӯзгори мардум истифода намуд. Ба ҳам пайвастани чунин кадрҳо маънии нав офарид, идеяи инқилобро таҷассум кард. Бо истифода аз мафҳуми монтажи дубора коргардони маводи чандрасонаӣ метавонад аз кадрҳои қаблан нашршуда лоиҳаи нав бисозад

> КейсИ Obameter (http://goo.gl/lHTog)
> Дорандаи мукофоти Пулитсер барои соли 2009 , сомонаи politifact.com, барои лоиҳаи худ «Obameter» аз услуби монтажи дубора кор гирифт. Журналистон зиёда аз 500 ваъдаи президент Обамро, ки дар маъракаҳои интихоботи солҳои 2008 ва 2012 дода буд, ҷамъ оварда, аз онҳо кадрҳои алоҳида интихоб намуда ва иҷро шудан ё нашуданашонро ба мушоҳида гирифтанд. Ҳар як ваъда мутобиқан ишорае аз қабили”иҷро шуд”, “иҷро нашуд”, “созиш ёфт”, “ дар амал аст,” ва “дар гил фуру рафтааст” дорад. Қатори визуалии лоиҳа барои зуд дарк кардани ҳолати ваъда имкон медиҳад. Агар донистани тафсилот мароқовар бошад, клик дар болои ҳар унсури лоиҳа маҷмуи маводи журналистӣ оид ба ваъдаи мушаххасро мекушоянд.

Дар асл, муҳаррирони ин лоиҳаи чандрасонаӣ кадрҳои нашршударо дар як сужет овардаанд, ки арзиш ва маънои иловагиро соҳиб шудааст. Дар ин ҷо тартиби замонии возеҳ нест, лоиҳа чун силсилаи маҷмуаи мураттаби мавзуист

Дар тафовут аз филмҳои мустанади Эсфир Шуб, ки барои тамоши пайдарҳами» сохта шудаанд, «мантажи дубораи чанрасонаӣ дар лоиҳаи «Obameter» ба корбар озодии интихоб медиҳад. Корбар барои равиши дидан озод аст, ки то кадом андоза ва ба кадом маводи мушаххас фуру равад. Шакл муҳим аст ё мазмун?

Мувозинат байни шаклу мазмун бо маҳаки дастрасӣ ба ҳадаф хеле осон тафтиш карда мешавад:

• сужет мантиқан алоқаманд аст, лаҳзаҳои мавҳум, номутобиқ ва то охир нокушода надорад?

• сужет барои корбар эҳсосбарангез ҳаст; корбар ғам мехурад, асбонӣ мешавад, тааaҷҷуб мекунад ва шод мешавад?

Ба ин маънӣ тамоми қолабҳои чандрасонаӣ барои расидан ба ин эффект мусоидат менамоянд, вале ҳеҷ вақт худашон, яъне хуб ба худ қолабҳо ҳадаф нестанд.

«Ман инфографика сохтам», «Мо таймлайн нашр кардем», «Ман слайдшоуи аҷибе омода намудам», «Дар сомонаи мо метавонед видеоролики интерактивӣ бубинед» — инҳо далеле барои ифтихор нестанд, воситаи обрӯ миёни рақибон дар майдони иттилоотӣ ҳам нестанд. Таваҷҷуҳ кунед, ки агар дар идораи шумо ин қабил ҳарфҳо зуд-зуд шунида мешаванд, ин аломати нахустини тарҷеҳ додани шакл бар мазмун аст.

Одамон достонҳоро на барои он гуш мекунанд ва дар хотир нигоҳ медоранд, ки дар қолаби аудиоӣ аз бибиашон шунидаанд, балки барои он аст, ки моҷароҳои аз сари Алёнушка гузаранда аҷибанд, барои он ки донистан мехоҳанд, ки ғолиб кӣ мешавад гвардиячӣён ё мушкетдорон- савораи бесар дар асл кист ва ғайра. .

Қолаб (Формат) барои гуфтани маънӣ мусоидат мекунад. Худ ба худ қолаб арзиш надорад.

Коргардонҳои синамо сенарияро хонда, усулҳои кинамотагрфиеро ҷустуҷу менамоянд, ки тавони возеҳтар нишон додани ботини қаҳрамон ё самти ҳарактро доранд. Онҳо бо планҳои барҷаст ва дур, панорама, бозӣ дорандани овоз ва тасвир, истифодаи стоп-кадр ва ғайра такя мекунанд.

Коргардони чандрасонаӣ барои ҳалли ҳамин вазифа аз абзорҳои худаш: графика, навори мустанад, харитаи иттилоотӣ, суратҳои интерактивӣ, рақамҳо, иқтибосҳо, тесту овоздеҳиҳо, видео, порчаҳои овозӣ, матн ва абаришораҳо истифода мекунад. Ва кадом қолабҳои нав ки пайдо шаванд: коубҳо,3D-панорамҳо, аудиослайдшоу ё голограммаҳо талаботи умумӣ барои нақли маводи чандрасонаӣ ҳамоно бетағийр аст.

Дар як достони чандрасонаӣ чанд «кадр» ва унсур бояд бошад ?

Ҳеҷ кас ба таври дақиқ ҷавоб гуфтан наметавонад, ба кадом таҷрибаҳои равоншиносӣ (аз қабили 7±2 унсур, ки одам дар хотир нигоҳ дошта метавонад), ки ишора нашавад. Дар сужет бояд ҳамон қадар унсур бошад, ки барои кушодани мазмун ва ҷалби таваҷҷуҳ зарур аст

Худ аз худ сюжет вуҷуд надорад. Он ҳамеша шунаванда, хонанда, бинанада ва корбар дорад. Дар ин бора зуд-зуд коргардонҳои чандрасонаӣ фаромуш мекунанд. Сюжети чандрасонаӣ танҳо вақте нақл карда мешавад, ки робита бо корбар барқарор бошад. Сифати маводро берун аз ҳамкорӣ бо хонанда баҳо додан ҷоиз нест.

Теъдоди унсурҳо вобастагӣ ба он дорад, ки маводро корбар дар кадом шароит истифода мебарад. Оё ин коро дар

метро рост истода анҷом медиҳад ё нишаста, дар назди экрани калон, дар кор ё дар хона ..?

Азбаски гуянда ва шунаванда дар фазо ва замони гуногунанд, муаллифи чандрасонаӣ дақиқан намедонад, ки карбар дар кадом ҳолат аст, аз куҷо ворид мешавад ва кадом унсур барояш оғоз аст ва маҳз чӣ чӣзе барояш шавқовар аст.

Муаллиф пешгуӣ кардан наметавонад, ки мақолаи ӯро маҳз чӣ тавр мехонанд, аммо омори нашрияро омухта, метавонад, ба ҳар ҳол, баъзе фарзияҳо анҷом диҳад. Низоми замонавии омор на танҳо нишон додан метавонад, ки кадом мавод кай кушода шуд, балки нишод медиҳад, ки аз кадом навъи таҷҳизот корбар ворид мешавад, чӣ тавр руйи саҳифаҳо мурур мекунад, ба кадои ишораҳо клик мекунад ва кадомеро сарфи назар мекунад.

Махсусияти истеъмоли расонаҳо чунин аст, ки ҳамеша факторҳои парешонкунандаи диққат мавҷуданд. Муаллифони сюжетҳои чандрасонаӣ бояд бифаҳманд, ки корбар хеле нодир аст, ки пурра вориди мавзӯъ бошад ва барои ҳамин дуруст гузоштани зада, интихоби мувофиқи қолаб ва ёфтани мувозинат байни мавзӯъ ва хонанда зарур аст. Ин боло бурдани талабот оид ба сохтори маводро пешниҳод менамояд ва он бояд таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб намояд.

$$\text{Погружение в историю} = \frac{\text{Текст} \times \text{Видео} \times \text{Слайдшоу} \times \text{Инфографика}}{\text{Количество историй в зоне внимания пользователя}}$$

Агр дар муҳити фаъоли таваҷҷуҳи корбар даҳ сюжете ҳаст, ки нигоҳашро банд кардаанд, пас эҳтимоли побанд буданаш ба сюжети мушаххас дар ҳадди ақҷалл аст. Ин формула ҳамчунин талабот ба комил будани маънои ҳар унсури маводи чандрасонаиро исбот менамояд. Ягар яке аз

онҳо шомили маънои сифр бошад, ҳосили зарби дигарон ба сифр натиҷаи сифр медиҳад. Дар сужет фақат он унсурҳоро боқӣ гузоред, ки барои ба ҳадаф расидан кор мекунанд

Муаллиф танҳо гипотеза пешниҳод мекунад ва сенарияеро фикр мекунад, ки мувофиқ ба он корбарро раҳнамоӣ мекунад. Ин роҳ бояд кушода, тоза ва рушан бошад. Набояд ба тафсилот дода шуд, ба хотири он ки “ мо инфографика сохтан метавонем” набояд фазои сужети иттилоотиро бо модулу унсурҳо пур кард

Бештар ба қаҳрамонон, сохтори нақл, сюжет ва ба ҳар чӣ дар плани аввал ва плани пушти достон мегузард, таваҷҷуҳ намоед. Ба мантиқи нақл ва ҷузъи эҳсосотҳо бештар мӯроқибат намоед, на ба он ҷиҳат, ки чанд ба пуррагӣ аз абзорҳои дастраси чандрасонаӣ истифода бурдед.

## Сужети чандрасонаӣ чӣ тавр таҳия мешавад ?

Барои танзими маводи чандрасонаӣ чанд равиши кор мавҷуд аст. Метавон аввал маълумот, далелҳоро гирд овард, матн навишт, чунон ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо мекунад ва сипас унсурҳои визуалӣ- интерактивиро андаруни матн гунҷонд.

Азбаски бисёре аз журналистон ва муҳаррирон ба расонаҳои шабакавӣ аз нашрияҳои чопӣ меоянд, усули зикршуда ҳануз ҳам густурда аст ва дар натиҷа матн омили афзалиятдор дар мавод аст. Матнро «рангу бор медиҳанд», «бо тасвир мемороянд», ва дар дигар қолабҳо «махлут» мекунанд .

Вале сужаи чандрасонаӣ «матни бо унсурҳои чандрасонаӣ ғанишуда» нест. Нишони возеҳи муносибати босаводона нисбат ба сужет ин номумкин будани хориҷ намудани унсур аз он бе расонидани зарар ба мазмуни он

аст. Ин маънои он дорад, ки ҳар як унсури сохторбандишудаи маводи чандрасонаӣ ба ҳадафи умумӣ равона шудааст.

Азбаски маводи чандрасонаӣ маҳсулоти яклухт аст, таҳияи он бояд на аз навиштани матн, балки аз сохтани нақшаи лоиҳа шуруъ шавад. Муҳимаш ба ду қисми таркибӣ-шакл ва мазмун таваҷҷуҳ бояд кард.

## «Консепсияи „Маэстро“

Дар ибтидои солҳои 1990- Бак Райан, ки он вақт дотсенти мактаби журналистии «Медилла»-и донишгоҳи Шимолу Шарқ (Чикаго, ИМА) буд, консепсияи „Маэстро“»--муносибати лоиҳавӣ ба маводи бузургҳаҷми журналистиро кор карда баромад. Ин консепсия кори дастҷамъонаро дар таҳия мавод, яъне ҳамкории журналист, суратгир ва дизайнерро пешбинӣ мекунад. Маэстро-сессия, дар асл, ин ҳуҷуми мағзиест, ки бо алгоритмҳои муайян гузаронида мешавад. Ин алгоритм барои тамаркузи диққати гуруҳи эҷодӣ ба лаҳзаҳои калидии мақолоти бузургҳаҷм мусоидат менамояд

Услуби Маэстро дар нашрияҳои чандрасонаӣ ҳам «унс» гирифт, зеро ба талабот оид ба коркарди васеъи мақолоти бузургҳаҷм мутобиқат мекунад.

Мо қадам ба қадам аз алгоритми «Маэстро» мегузарем, то ки сохтани лоиҳаҳои чандрасонаии мувофиқ ба ниёзҳои корбаронро биомузем. Дар доираи сесияҳои Маэстро на танҳо ҳуҷҷати хаттӣ- посуххо ба пурсишҳо, балки эскизи ҷобаҷогузории унсурҳои сужети чандрасонаӣ низ сохта мешавад, бояд расми ҳар чӣзе ки гунҷонда мешавад- порчаҳои гуногуни мавод,кашида шавад. Чунин эскиз барои гуфтугуи мушаххас бо муҳаррир, ҳамкорон, дизайнер ва суратгир мусоидат мекунад.

Мавзӯъ, тамаркуз(фокус), аудитория

Таҳияи маводи чандрасонаӣ аз муаяй намудани ду нуқтаи шуруъ- дар бораи чӣ мегуем ва барои кӣ мегуем, оғоз меёбад.

Ин масоил чун тухм ва мурғ ба ҳам марбутанд ва гуфтан имкон надорад, ки кадоме муҳимтар аст. Интихоби жанр, баён, сохтори мавод, тарзи пешниҳод ва платформае, ки мавод дар он нашр мешавад, ба он марбут аст, ки мавод барои кадом навъи корбарон сохта мешавад.

Баёни возеҳи мавзӯъ ҳам муҳим аст. Ҳар қадар ки возеҳтар аст, ҳамон қадар мураттаб ва холӣ аз таззод аст ва гузашта аз ин, фаъолият оид ба ҷамъоварии маълумот ва коркарди иттилоот ҳамон қадар ҳадафмандонатар мешавад.

Мутааассифона, бисёр муҳаррирон вазифаи дар пеши журналист бударо мушаххас намекунад: «Дар бораи соҳибкорони ҷавон мақола омода кунед». Дар ин ҳолат масъулияти интихоби аудиторияи зерҳадаф, интихоби мавзӯъ ва фокуси лоиҳаи чандрасонаӣ пурра ба дӯши

журналист аст. Аз ин ру, баррасии нақшаи сохтани лоиҳаи чандрасонаӣ ва марҳилаҳои таҳияи он бо муҳаррир тавсия дода мешавад. Журналист дороии муҳими хеш- вақт сарф мекунад ва агар мавзӯъ бо заддаҳои мантиқиаш, тарзи пешниҳодаш бо муҳаррир мувофақа нашуда бошад, маводи омодашуда метавонад ба эътибор гирифта нашавад.

## Мавзӯъ

Мавзуи лоиҳаро бояд аниқу мухтасар ифода кард. Мавзӯъ самти васеъ, самтест ки муаллиф корбарро равона мекунад, масалан, «Соҳибкорони ҷавон», «Ислоҳоти маъориф», «Сифати кумакҳои тиббӣ», «Паҳншавии канаҳо дар шаҳр»

Мавзӯъ бояд ба қадри кофӣ ҷиддӣ бошад, то ки майлу рағбати корбарон ба он бештар аз як ҳафта хомуш нашавад, дар акси ҳол маблағи барои сохтани маводи чандрасонаӣ сарфшуда бо натиҷаҳо ( боздидҳо, шарҳҳо, бозпостҳо ва рушди мавзӯъ)-и робита бо корбаре, ки манзури истеҳсолкунандаи муҳтаво аст, мувофиқат намекунанд.

Ин қоида бо ҳолати ҷории таҷрибаи кор дар Русия мухолифат дорад, чун ки унсурҳои чандрасонаӣ дар лентаи таъҷилии хабарҳо танзим мешаванд (ҷо дода мешаванд). Хабарҳои рӯз умри дароз надоранд, то ки унсури чандрасонаии дар онҳо ҷо гирифта масрафҳоро бипушонанд. Инро танҳо оҷонсиҳои бузурги иттилоотӣ метавонанд ба худ раво дононад, вале на идораи расонаҳои минтақавӣ.

## Фокус

Баёни муъҷази фокус ва зовияи пешниҳоди сужет ҳам таҷрибаи густурдаи расонаҳои русӣ нест. Одатан, муаллифон сюжетро аз мавзӯъ ё баҳонаи иттилоотӣ шуруъ

мекунанд, вале ба ҳар ҳодиса/падида ва масъала метавон аз дидгоҳи гуногун назар андохт. Ҳар як зовияи пешниҳоди мавзӯъ метавонад асос барои мақолаи алоҳида гардад. Дар як мақола овардани ҳар он чӣ муаалиф дар бораи мавзӯъ медонад, иштибоҳи бузург аст. Таъсири чунин муносибат ба сохтор, ҳаҷм, мушаххас ва фаҳмо будани сюжети чандрасонаӣ бад аст.

Зовияи пешниҳоди мавзӯъро бо рушноии чароғ дар ҷангали торик қиёс намуд ҷоиз аст Он як порачаи воқеъиятро фаро мегирад, таваҷҷуҳро ба як чӣзи мушаххас тамаркуз медиҳад. Имкон надорад, ки ҳатто дар як мақолаи бузург тамои «ҷангал»-ро фаро гирифт.

Алҳол мавзӯъҳои зикршударо мегирем ва фокусҳои мухталифи пешниҳоди сужетеро ифода мекунем.

Мавзӯъ : «Соҳибкорони ҷавон»

Фокусҳо:

- тақдири лоиҳаҳои бизнес-инкубатори шаҳрӣ пас аз яксоли оғози кор чӣ шуд ;
- соҳибкорони ҷавон барои шуруъи кор аз куҷо маблағ мегиранд;
- то кадом андоза маблағҳои барномаи минтақавии мусоидат ба соҳибкорони ҷавон самаранок сарф шудааст ;
- кадом барномаҳои рушди соҳибкории мактабӣ дар минтақа вуҷуд дорад ва оё ба онҳо ниёз ҳаст.

Мавзӯъ : «Ислоҳоти соҳаи маъориф»

Фокусҳо:

- зиндагии рӯзмараи хонандаи мактаби ибтидоӣ ва волидайнаш пас аз гузаштан ба низоми нав чӣ тавр тағйир меёбад;

• пардохти маблағ барои гуруҳҳои хониши иловагӣ дар шаҳр то кадом андоза қонунист;

• бо омузши фосилавӣ, чӣ тавр дипломи маълумоти олӣ гирифтан мумкин аст;

• сатҳи дониши хонандагоне, ки ба таври экстернат ё дар шароити хона дониш мегиранд чӣ тавр аст.

Мавзӯъ :«Сифати ёрии тиббӣ»

Фокусҳо:

• дар беморхонаҳои ноҳиявӣ баъд аз ҷорӣ намудани сабт аз тариқи интернет чӣ тағйир ёфт;

• чаро барои такмили низоми ягонаи тиббӣ, аз таҳия он дида, маблағи бештар мепурсанд;

• табибони таъсири порталҳо ва сомонаҳои машваратҳои мардумиро оид ба рафтори мизоҷон чӣ тавр арзёбӣ мекунанд

• алгоритми дарёфти доруҳои маҷонӣ барои гирифторони бемории саратон чӣ гуна аст ва ҷонибҳои мухталиф: корафтодагон, хешу табор, табибон, мансабдорон ва фаъолони ҷомеа онро чӣ тавр баҳогузорӣ менамоянд.

Мавзӯъ : «Канаҳо дар шаҳр»
Фокусҳо:

- пешгуйи оид ба давраи паҳншавии канаҳо ва омодагии муассисаҳои тиббӣ дар мубориза ба онҳо чӣ гуна аст;
- чӣ бояд кард, вақте шуморо кана газидааст, (алгоритмҳо:нафаре ки эмгузаронӣ шудааст ва нафаре ки нашудааст)
- чӣ бояд кард ки кана нагазад;
- то кадоим андоза ҳукумати шаҳр ҷангалҳои ҳамҷавор ва боғҳои шаҳрро аз кана безарар мегардонад.

.

Аудиторяи зерҳадаф
Сужети чандарасонаӣ барои кӣ нақл карда мешавад? Пурсише ки бисёр муаллифонро дар ҳолати ногувор мемонад. Дар таҷрибаи журналистӣ ба таври мустақим услуб, қолаб ва сохтори нашрияе нусхабардорӣ шуда, мақола барои ягон рӯзнома ё барои сомонае навишта мешавад.

Ҳангоми таҳияи маводи чандрасонаӣ на ба платформа ва нашрия, балки ба гуруҳи зерҳадаф бояд такя кард, зеро сомона дар умум чатрест, ки талаботи иттилоотии сегментҳои гуногуни аудиторияро соябонӣ мекунад. Навиштани мақолае, ки ба мӯроди дили ҳама бошад, имкон надорад. Тақсимбандӣ ба лоиҳа барои мушаххас, аниқ ва ҳадафманд будан мусоидат менамояд. .

Барои тақсимбандии аудиторя аз худ намудани услуби шахсиятҳо муфид аст. Ин услуб ба расонаҳо аз тарроҳиҳои сомонаҳо ва илми бозоршиносӣ омадааст. Бо кумаки тасвири персонажҳои гуруҳҳои зерҳадаф метавон тазмин

кард, ки корбари маъмули нисбат ба маҳсулоти расонаӣ чӣгуна аксуламал нишон медиҳад.



*Пример описания персонажа: Ирина Викторовна*

Тасвири шахсият номбар намудани сифатҳои демографӣ-иҷтимоии ӯ нест, балки зикри одатҳо, хусусиятҳои рафтор, арзишҳои зиндагонӣ ва тарзи ҳаёти уст, ки барои қабули қарорҳо таъсиргузоранд. Омода намудани ин услуд идораи расонаро маҷбур месозад, ки ба зиндагии хонандагони худ «ворид» шаванд ва ба ниёзу талаботашон ошноии бештар пайдо намоянд. Мавзӯъ ва фокуси мақола дар алоқаи зич бо шахсияте интихоб мешавад, ки маводи ояндаи чандрасонаӣ ба он такя мекунад .

Вазифа 1. На камтар аз панҷ мавзӯъ барои ҳар яке аз шахсиятҳои пешниҳодшуда фикр карда бароед. Ифодаи мавзӯъҳое имкон дорад, ки дар муҳити таваҷҷуҳи «Ирина Викторовнв» ва «Николай» аз якдигар «убур» мекунанд? Тахмин кунед, ки дар куҷо ва аз кадом навъ компютер ин ду шахсият аз интернет

истифода мекунанд ва маводи чандрасонаиро тамошо мекунанд? Аз нигоҳи шумо, ин ба сохтори мақолаи шумо ва интихоби таҷҳизоте, ки бо кумаки он лоиҳа татбиқ мешавад, чӣ гуна таъсир мерасонад?

Се марҳилаи асосии банақшагирии сужетҳои чандрасонаӣ

Пас аз интихоби самт (чӣ менависем, барои кӣ ва ба чӣ тамаркуз мекунем), Бак Райан қадамҳои ояндаро муайян

);




*Пример описания персонажа: Николай*

менамояд:

- моҳияти сужет дар чӣст (на бештар аз 10 калима)
- дар навбати аввал шахсият чӣро донистан мехоҳад (се саволи муҳим) ?

• ман серкорам, барои чӣ ин ба ман бояд муҳим бошад ( савол аз мавқеи персонаж дода мешавад)

Қадами аввали ин руйхат муаллифро водор менамояд, ки моҳияти аслии сужет, ҷавҳареро ифода намояд, ки дар атрофи он робитаҳо ва тафсилотро метавон қоим дошт

Мисолҳо барои ифодаи мавзӯъ:

• мактаби деҳа, сарфи назар аз тармим ба тозагӣ, фуру рафт;

• кубудизоркунандагон дарахтоне мешинонад, ки ба сармои Сибир тобовар нестанд;

• буҷет барои тарбияи ҷисмонӣ кам ва буҷет барои мансабдорон 25% зиёд шуд

Ифодаи муъҷазро дар варақе, ки эскизи мақоларо месозед, навиштан меарзад. Ин барои тафтиши он, ки тамоми унсурҳои андешидашуда бо ифодаи мавзӯъ ҳамсонанд ва оё инҳироф аз самти асосии сюжет вучуд надорад, мусоидат мекунад.

Қадамҳои дуюм ва сеюм ба муаллиф ангезаи худро дар мавқеи корбар дидан медиҳанд. Миёни 200 баҳонаи иттилоотӣ, ки барои сонияи таваҷҷуҳи ман талош мекунанд, чаро боистӣ маҳз ба ин сюжет таваҷҷуҳ намоям? Марҳилаи хеле мушкил, ғайриодӣ барои равиши суннатии навиштани мақолаҳои журналистӣ. Ҷавоби «Барои он ки ин муҳим аст» қабул карда намешавад

Сюжети мактаби фурурафта волидайнро ҷалб мекунад, зеро ҳолати техникии он боиси нигаронӣ аст, чун он ҷо ҳамарӯза фарзандонаш барои таҳсил мераванд Мавзӯи дарахтони амдан хушкшаванда барои боғпарварони дилсӯз мароқовар аст, зеро аз таҷрибаи худ медонанд, ки чӣ бояд дар Сибир шинонд ва чӣ тавр онро парвариш кард ва маблағҳои буҷаро дар барф гӯр кардани мансабдорон(ба бод додан) боиси ҳайраташон мегардад .

Хонандае, ки сатҳи пасти даромад ва таҳсилот дорад, аз эҳтимол дур нест, ки ба «ҷаҳиши нофаҳмои нархҳо» ва номумкин шудани хариди маводи ғизоии арзонтар аксуламал нишон медиҳад. Корбароне, ки одат доранд маҳсулотро на аз руй нарх, балки аз руйи сифат бихаранд, ба гумони ағлаб мақоларо оид ба ташаббуси деҳқонони маҳал дар бораи расонидан маҳсулоташ тибқи фармоиш, хоҳанд дид

Маҳз аз ҳамин сабаб лентаҳои хабарии алҳол васеъ паҳншуда ба корбар барои дарёфти самти ҳодисаҳои муҳим дар ҷомеае, ки зиндагӣ дорад, кумак намекунанд

Лентаи хабарӣ барои корбарони бечеҳрае, ки шояд, барояшон рангубори деворҳои мактаб ва афзоиши боҷи соҳибкорони инфиродӣ яксон аст, навишта мешавад. Навигариҳои маҳаллӣ,минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ аксаран дар чунин лентаҳо махлутанд ва рубрикасози маъмулии бахшҳои «сиёсат –иқтисодиёт-ҷомеа-фарҳанг- ҳаводис» барои ёфтани мақолае, ки ба зиндагии ин ё он корбар алоқамандӣ дорад, мусоидат намекунад.

Лоиҳакашии мавод мутобиқ бо алгоритми «Маэстро» пеш аз ҳам ба хотири он сурат гирифт, ки бечеҳрагии маводи журналистиро рафъ кунад, муаллифонро бо ниёзҳои иттилоотӣ ва манфиати корбарон наздик намояд.

Корбар ҳангоме ки ба моҳияти ин ё он сюжет сарфаҳм меравад, се суол мегузорад. Масалан, дар деҳа ягона дукони фуруши маҳсулот оташ гирифт. Дар навбати аввал соҳибзани деҳа дар бораи чӣ фикр мекунад: аз кадом ҷойи наздиктарон нону макарон харидан мумкин; касе аз наздикон зарар дид ё на; кӣ онро сузонд- дастгир шуд ё на?

Мақоларо бояд тарзе сохт, ки ҷавоб ба ин суолҳо дар мадди тваҷҷуҳи корбар бошанд ва он гоҳ маэстро –муаллиф

соҳиби аксуламали бештар мегардад, на он муаллифе, ки аз меъёрҳои муқаррашудаи оҷонсии иттилоотӣ кор мегирад

Ба ҳам пайвастани нақли сужет бо манфиати корбар чӣзест, ки дар зеҳни муаллифи маводи чандрасонаӣ аст ва ба аксуламали хонанда манфиатдор аст

Интихоби қолаби чандрасонаӣ

Алгоритми универсалие барои муайян намудани он, ки кадом қисмати мавод дар шакли сурат, салйдшоу ва кадом қисмат дар шакли инфографика ё бо кумаки овоздиҳӣ, тест, викторина, ё аз тариқи матн чӣро бояд гуфт ва ё оё меарзад, ки ҳодисаро мутобиқ ба тартиби замонӣ дар қолаби таймлайн накл кард, вуҷуд надорад. Ин тасмимест, ки муаллиф дар якҷоягӣ бо муҳаррир ва дигар аъзои тим мегирад. Ин фазо барои эҷодкорӣ ва зуҳури услуби хоси расона, мантиқ ва ҳисси андозаҳост

Тим ба таври доимӣ мавзӯъ, фокус, рафтори тахминии корбаронро бо тавонмандиҳои идораи расона мувофиқ мегардонад. Истеҳсоли ҳар як мавод/сужет вақт ва пул меистад ва барои ҳамин на ҳама хоҳишҳои муаллиф амалишавандаанд.

Илова бар захираҳои сарфшуда бояд таваҷҷуҳи хоса ба муносиб будани ин ё он қолаб дод. Видео бо ҳама маҷзубияташ ба гумон аст арзиши гунҷондан дар маводеро дорад, ки барои минтақаҳои тавонои зиъифи интернетдошта, таҳия мешаванд. Корбарон ин зебоиро қадр намекунад, чун интернет ба зудӣ фаъол намешавад.

Воқеан, дар интихоби қолаби чандрасонаӣ ба ҷадвали зер, ки унсурҳоро бо саволҳои корбарон алоқаманд мекунад, такя намудан мумкин аст

| Суол | Қолаби муносиб |
| --- | --- |

| | |
|---|---|
| Дар куҷо рух дод?Куҷо бояд рафт ? | Харита, схема |
| Чӣ бояд кард? | Алгоритми фаъолиятҳо |
| Ба чӣ монандаст? | Фоторепортаж, слайдшоу |
| Чӣ тавр огоз ёф? Кадом сабаб ва натиҷа? | Таймлайн |
| Кӣ дар мавзӯъ чӣ мегуяд? | Иқтибоси коршинос ё шоҳид, |
| Кадом варианти фаъолиятҳо? | Овозҳо бо интихоби гуногун,алгоритми амал, карточкаҳо ё саолҳое ки зуз зуд медиҳанд |
| Сохташ чӣ гуна аст? | Инфографика, тасвирҳои интерактивӣ |
| Киро бояд бовар кард? | Рейтинг |
| Ифодаи моҳият бо ду калима ? | Далели кутоҳ, рақам, иқтибоси видеоӣ врезкаҳо, карточки ё савоҳое ки зуд зуд медиҳанд |
| Кай? | Ҷадвали тақвим, таймлайн |
| Тафсилоти бештар мумкин аст ? | Маҷмуи линкҳо, иттиллоти умумӣ, заминаи матнӣ |
| Чӣ тавр рух дод? | Видео, видеои интерактивӣ |
| Чӣ тавр ман таъсир мерасонам? | Алгоритми амалҳо, справка,<br><br>Қолаб барои пурсишҳо |

Ин ҷадвал гуёи он нест, ки мушахассан барои ҳар як унсури сюжет кадом қолабро бояд интихоб намуд, вале барои дарёфти самти муносиб дар олами гуногунранги воситаҳои ифодаи дастрас барои журналист, кумак мекунад. Бояд

қолабҳои мухталифро дар амал омухт, таҷриба андухт, маводи чандрасонаии дигаронро таҳлил кард ва аз ифодаҳои муваффақи онҳо истифода кард.

Тафтиши якпорчагии нақшаи сужети чандрасонаӣ

Пас аз омода шудани тарҳ бояд ҳамбастагии унсурҳояшро санҷид. Ҳар як унсури сюжет бояд унсури баъдиро такмил диҳад, моҳиятро инкишоф диҳад, ки дар даҳ калима ифода шудааст. Дар ҳолати ташкили дурусти  рафти истеҳсол ҳар чӣзе, ки оид ба мавзӯъ ба даст оварда шудааст, бояд истифода шавад, вале  шарт нест, ки маҳз дар ҳамин сужет

Оё мантиқӣ будан ва ҳамбастагӣ дар дохили ҳар унсур: УНСУР БА КАДОМ ПУРСИШ ПОСУХ МЕГУЯДРО, бояд санҷид? Оё унсур ҳовии ҷавоби фаҳмо, аниқ ва мушаххас ба суоли билфарзи корбар аст?

Оё мантиқӣ будан ва ихтилоф надоштани пайдарҳамии унсурҳо: воқеан ҳам дар се сонияи аввали сужет диққати корбароро ҷалб ва ӯро нигоҳ медорадро, бояд санҷид? Оё порчаҳои сюжет мантиқан иртибот доранд?

Бо чунин тарзи санҷиш:баёни моҳияти ҳар унсур бо як тезис, бо як ҷумла ва сипас тафтиши робитаи мантиқии унсурҳо, бо такя бар ин тезисҳо, хеле муфид аст. Чунин тафтиш бештар айёният дорад ва иштибоҳот дар сужет зудтар дида мешаванд.

Чор  навъи монтажи чандрасонаӣ

Вобаста аз он ки чӣ маводе дар асоси лоиҳаи чанрасонаӣ ҳаст, метавон чор навъи монтажи чандрасонаиро муайян намуд.

Раванди тасмимгирӣ ва таҳияи ҳар чор навъ яксон аст: мавзӯъ, фокус ва  мухотаб муайян мешаванд, масоиле баён

мешаванд, ки зеҳни корбари зерҳадафро машғул медоранд. Танҳо мақсад ва мавқеи муаллиф  фарқ мекунад.

Достон/ сюжети чандрасонаӣ

Аз оғоз достони чандрасонаӣ ба нақша гирифта мешавад. Ӯ қаҳрамон, хати сюжет ва драмтургия дорад. Унсурҳои визуалӣ бо назардошти сенарияи коргардон омода карда мешаванд ва унсурҳо махсус барои  сюжети мушаххас таҳия мешаванд. Он метавонад  аз ҷиҳати ҳаҷм васеъ ё кутоҳ бошад-ҳаҷм  аҳамият надорад. Муҳим яклухтии достон аст: як идея, як  сутун, як хати нақл. Масалан, мисли лоиҳаи «Рӯзе, ки ҷанг шуруъ шуд» дар рӯзномаи «КоммерсантЪ» «(http://goo.gl/eA175K). Бисёр вақт достонҳои чандрасонаиро лонгрид меноманд.

Лоиҳаи чандрасонаӣ

Лоиҳаи чандрасонаӣ  иборат аз маҷмуи  достонҳоест, ки дар як мавзӯъ муттаҳид шудаанд. Достонҳо махсусан барои ин лоиҳа ба нақша гирифта  эҷод мешаванд. Дар марҳалаи омодагӣ на танҳои  таркиби унсурҳои дохили як достон, балки ҳамчунин таркиби байни достонҳо ҳам андешида мешавад. Достонҳо метавонанд аз руйи шабоҳати қолабҳо ҳам сохта шаванд (масалан, чун «Нафаре аз 8 миллион»-и рӯзномаи  The New York Times (http://goo.gl/ mZiNV)  ва ҳам аз руи қоидаи « як фокус дар минтақаҳои гуногун», чун лоиҳаи  манъи гардиши электричкаҳои наздишаҳрӣ (http://goo.gl/mzzDTI). Муҳим он аст, ки дар лоиҳа якчанд достони мукаммале дар атрофи як сутуни муттаҳидкунанда бошанд.

Монтажи дубораи чандрасонаӣ

Дар аксар ҳолот муаллиф оид ба достоне маводи нашршуда дорад,вале имкони боз ба ҷойи ҳодиса рафтан, навор

гирифтан, бозспурсидан ва ёфтани қаҳрамонони дигарро надорад.

Муаллиф таркибро аз нав мекунад, аз суратҳо, матнҳо, инфографика ва маводи видеоии қаблан омода шуда сохтори нав месозад. Баъзан имконияти монтажи маводи хоми видео, ба тарзи дигар мураттаб кардани суратҳо, слайдшоуҳо ва тағйир додани шарҳи зери онҳо ҳам даст медиҳад. Баъзан аз маводи алакай нашршуда далелҳои муҳим, арқом ва иқтибосҳо гирифта шуда, чун унсури алоҳидаи лоиҳа ифода (баён мешаванд) меёбанд.

Вазифаи монтажи дубора тамаркуз додани диққати корбар ба мавзуи бузургест, ки дар расонаҳо фаъолона муҳокима мешавад. Муаллиф он ҷо дар нақши раҳнамо дар силсилаи мақолаҳост. Маъмулан чунин достон дуру дароз идома меёбад ва дар ин ё он лаҳзаи инкишофи худ сазовори таваҷҷуҳи журналистон мегарад.

Монтажи дубора арзиш ва боздиди тамоми порчаҳои ба мавод воридшударо (аз ҳисоби робитаҳо(абарлинкҳо) илова мекунад Монтажи дубораро ҳамчунин сюжет бо қиссаи дуру дароз меноманд.

Назорати чандрасонаӣ

Назораи чандрасонаӣ лоиҳаи чандрасонаиест, ки аз руи қоидаи интихоби муаллиф, аз мақолаҳои гуногун ҷамъоварӣ шудааст. Куратор(нозир) бо интихоби унсурҳои муҳим,арзишманд ва муфиде, ки ба ягон суоли мавриди ниёзи корбар ҷавоб мегуянд,хиштҳои ин лоиҳаро ҷудо намуда меЧинад. Ин фақат ҷамъоварии мавод аз манбаъҳои гуногун нест. Нозир барои қимати ҳар унсури интихобшуда ҷавоб мегуяд,бо кумаки хулосабарорӣ аз мавзӯъҳо, ба ин ё он тартиб танзим намудани мавод, шарҳи ҳар як унсур ва гайра, арзиши иловагӣ месозад. Нозир дар аксар вақт

коршиноси мавзӯъ аст ва  фикри ӯ, чун равиши муаллиф дар умум нисбат ба мазмун, аз сифат ва пуррагии маводи интихобшуда, нақши камтар надорад.

Хотима

Коргардонии достони чандрасонаӣ танзими муҳтаво дар сохтори мантиқӣ ва дарамтургиест, ки дар қолабҳои гуногун пешниҳод шудааст. Муаллифи достон/сюжет бо тамаркуз ба симои тасаввуршавандаи  мухотабони худ дар бораи ҳодиса, қаҳрамонанаш ва мушкилот нақл мекунад ва онҳоро аз зовияҳои гуногун нишон медиҳад. Қолабҳои чандрасонаӣ барои кушодани моҳияти аслии  сюжет мусоидат мекунанд, муҳити зурурии эҳсосотро месозанд, диққати корбаро ҷазб ва нигоҳ медоранд, дар зарурат бо ёрии унсурҳои интерактивӣ ӯро ҷалб мекунанд.  Мақолаҳои чандрасонаӣ метавонад аз сифр- аз маводи махсус барои он гирдоварӣ шуда, ҳамчунин бо ёрии ҷамъоварӣ, аз нав ҷобаҷокунии иттилооти нашршуда, мақолаҳо, роликҳои видеоӣ , суратҳо ва ғайра сохта шаванд.

Фаъолияти  асосии коргардони маводи чандрасонаӣ аз тасаввӯроти возеҳ дар бораи мавзӯъ ва фокуси мақолаи оянда  иборат аст. Коргардонӣ  наметавонад ҷамъоварии техникӣ ва автоматии тамоми мавод оид ба мавзӯъ бошад. Он нигоҳи хоси муаллифӣ, муносибат ва дарки достон/ сюжет ё силсилаи достонҳост.